ТАҚРИЗ

ба фишурдаи диссертатсияи Мирзо Муҳаммад Рустоӣ дар мавзӯи "Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар ҳаҷми 183 саҳифаи чопи компютерӣ

Фишурдаи диссертатсияи Мирзо Муҳаммад Рустоӣ ба таҳқиқи эҷодиёти яке аз адибони даврони муосири форсу тоҷик Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтааст. Мавзуи мазкур то ба имрӯз мавриди таҳқиқу арзёбии амиқу васеъ қарор нагирифтааст. Дар адабиётшиносии тоҷик низ то ба имрӯз ба ҷуз ишораҳои ҷузъӣ дар бархе аз таълифоти муҳаққиқон рисолаи алоҳидае таълиф нашудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҳаёт ва эҷодиёт, таҳлили ашъори назмию насрии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва назариёти адибону донишмандони гузаштаю муосирро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор диҳад.

Рисолаи илмӣ дар асоси методҳои таърихӣ, фарҳангӣ-таърихӣ, таърихӣ-қиёсӣ, таҳлили сохтории матни бадеӣ, шинохти сохторӣ ва бадеии жанрҳои адабӣ, равишҳои комплексии нақду сарчашмашиносию матншиносӣ, шарҳу таҳлили осори адабӣ таълиф гардидааст.

Муҳиммияти интихоби мавзуъ аз ҷониби диссертант возеҳ ифода ёфта, бо як қатор далелҳои эътимоднок асоснок карда шудаанд ва ягон шубҳае пеш намеорад.

Нуқтаи дигаре, ки метавонад нишони мубрамияти интихоби мавзуъ бошад, диду вусъати назар ва ҳунари шоиронаи Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар тарҳу бозтоби бадеӣ-адабии мазоҳири зиндагӣ, воқеияти айнӣ, симои ҷомеаи Афғонистон аст. Сабку шеваи нигориши ӯ аз дигар шоирони ҳамнаслаш комилан мутафовит аст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Сохтори рисола низ мақсади гузошташударо инъикос менамояд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамиву дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ муайян гардида, мақсад, вазифа ва объекти таҳқиқ мушаххас шуд. Дар тавсифи умумии таҳқиқ масъалаҳои мақсад, вазифа, объект, предмети таҳқиқ, асосҳои назариявӣ, методологӣ ва навгониҳои таҳқиқ, аҳаммияти назарӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии таҳқиқ низ асоснок гардида, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия ва саҳми шахсии диссертант дарҷ шудаанд.

Боби аввали диссертатсия “Рӯзгор ва осори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ” ном дошта, аз се фаслу ду зерфасл фароҳам омадааст. Дар ин боб зиндагинома, мероси адабӣ-осори манзум ва мансур, анвои шеъри Каёнӣ ва мавқеи ғазал дар эҷодиёти ӯ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия “Сохт ва мундариҷаи ғоявии ғазалиёти Каёнӣ” унвон дошта, аз се фасл таркиб ёфтааст. Дар фасли аввали он масъалаи “Сайри таҳаввули ғазал то замони Каёнӣ” мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин фасл кӯшиш рафтааст, ки доир ба таҳаввули жанри ғазал дар адабиёти форсӣ, ва аз он ҷумла, дар адабиёти дарии Афғонистон тибқи сарчашмаҳо ва асарҳои назариявии шеършиносони классикиву муосир таҳаввули жанри ғазал ва сабкҳои роиҷи адабиёт то замони Нодиршоҳи Каёнӣ ба таври мухтасар бо мисолҳои мушаххас шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

“Хусусиёти услубӣ ва бадеии ғазалиёти Каёнӣ” унвони боби сеюми диссертатсия буда, он дар заминаи се фасл фароҳам омадааст. Ашъору осори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ нишон медиҳад, ки сабку қолаби сароишҳои мавсуф чун шуарои гузашта бештар қасида, ғазал, маснавиву қитъаву рубоӣ буда, анвои адабиро дар ҳар сурату шакл ва услубе, ки худ хоста, ба кор бастааст, яъне барои ирояи паём ва манзураш ҳар шаклу қолабу вазнеро пазируфта ва ба кор бастааст.

Дар қисмати хулосавии рисола унвончӯ фикру андеша ва мулоҳизаҳои илмии хешро нисбат ба мавзӯъ ба таври мушаххас баён намудааст.

Фишурдаи диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) мазмуни асосии кори диссертатсионии мазкурро инъикос намудааст. Рӯйхати адабиёт дар асоси стандарт ва талаботи навиштани корҳои диссертатсионӣ мураттаб гардидааст.

Навгонии таҳқиқ аз он иборат аст, ки доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бори аввал дар адабиётшиносии Тоҷикистон ва Афғонистон дар шакли рисолаи диссертатсионӣ сурат гирифта, дар он масъалаҳои зиндагиномаи Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, мероси адабӣ, осори манзум ва мансур, анвои шеъри Каёнӣ ва мавқеи ғазал дар эҷодиёти ӯ, сайри таҳаввули ғазал то замони Каёнӣ, сохт ва таркиби ғазалиёти шоир, мавзуъ ва мундариҷаи ғазалиёти Каёнӣ, забон ва тарзи баён, вазн, қофия, радиф ва хусусиёти бадеии ашъори шоир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҳамчунин, аҳаммияти амалии кор дар он аст, ки нуктаҳо ва натиҷаҳои муҳимтарини диссертатсия зимни таълими таърихи адабиёти ҳамҷавори Афғонистони муосир муфид буда, усул ва роҳкориҳои онро

метавон дар таҳия ва таҳқиқи осори адибони гуногун аз тарафи магистрону унвонҷӯён ва муҳаққиқон истифода кард.

Мақолаҳои унвончӯ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расида, мавзуи асосии кори диссертатсионии мазкурро фаро гирифтаанд.

Дар баробари дастовардҳо баъзе камбудиҳо ба назар расиданд, ки бартараф кардани онҳо арзиши илмии ин кори таққиқиро боз бештар менамояд.

1. Мураттабсозии аппарати илмӣ-техникии рисола аз камбудиҳо холӣ нест.

2. Тарзи дуруст навиштани имлои ‘ӯ’ мутобиқи Қоидаи имлои забони тоҷикӣ (соли 2021) риоя нашудаанд.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ ва ислохшаванда буда, ба хеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисоларо кам намегардонанд.

Хулоса, таҳқиқоти илмие, ки Мирзо Муҳаммад Рустоӣ ба анҷом расонидааст, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз диди амалӣ барои илми адабиётшиносии муосири Тоҷикистону Афғонистон таҳқиқоти навин буда, барои рушди он саҳми арзанда мегузорад.

Дар асоси ифодаҳои баёншуда ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки диссертатсияи Мирзо Муҳаммад Рустоӣ дар мавзуи “Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ” таҳқиқоти ба анҷомрасида буда, ба талаботи пунктҳои 10,11,12,14 ва 16-и Карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» ҷавобгӯ аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ комилан сазовор аст.

Номзади илмҳои филологӣ, сармутахассиси
шуъбаи ҳуқуқ, кадрҳо ва корҳои махсуси
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсент Саидзода В.С.

Нишонӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25

Имзои Вайсиддин Саидзодаро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи умумӣ ва кор бо кадрҳои
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуллоев Ш.Р.